# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба “Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он”

Лоиҳаи Тартиби мазкур бахри иҷроиши муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” ҷиҳати татбиқи фаъолияти бонкии исломӣ ва омода намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ҷиҳати танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла ташкилотҳои қарзии исломӣ таҳия карда шудааст.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро қисми 7 моддаи 47 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва қисми 7 моддаи 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” ташкил медиҳанд.

Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ масъул аст, аз ин рӯ, пас аз таъсиси бонки исломӣ санади мазкур ба такмил эҳтиёҷ пайдо намуд.

Гарчанде, ки қонунгузории соҳаи бонкии кишвар тартиби гузаронидани санҷишии ташкилотҳои қарзиро муайян намудааст, вале санадҳои меъёрии ҳуқуқии мушаххас вобаста ба муқаррар намудани талаботи тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ (аз ҷумла, ташкилотҳои қарзии исломӣ) мавҷуд нест.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ, баланд бардоштани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва анҷом додани вазифаҳои танзим ва назорати бонкӣ санади меъёрии ҳуқуқии мазкурро таҳия намуда, ҳамзамон дар он талаботи чи гуна гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявиро муқаррар намуда аст.

Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он вазъи умумии ҳолати молиявӣ ё самтҳои алоҳидаи фаъолияти онҳо дар ҷойҳо мебошад, аз ҷумла баҳогузории риояи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, баҳисобгирӣ ва ҳисобдории дуруст, муайян кардани андозаи хавфҳо, дороиву уҳдадориҳо, баҳогузорӣ ба сифати дороиҳо, бузургӣ ва кифоятии сармоя, низоми идоракунии хавфҳо ва ташкили назорати дохилӣ, вазъи молиявӣ ва дурнамои фаъолият, ҳамчунин ошкор намудани амалу кӯшишҳое, ки ба манфиатҳои пасандоздорон ва қарздеҳон таҳдид мекунанд. Нисбат ба ташкилотҳои қарзии исломӣ инчунин, санҷиш оид ба мутобиқат ба принсипҳои маблағгузории гузаронида мешавад.

Тартиби мазкур чораҳои зеринро доир ба санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ фаро мегардад:

- чораҳои омодагӣ барои гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- ба расмият даровардани санад дар хусуси мамониат ба гузаронидани санҷиш дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- талабот барои ба расмият даровардани натиҷаҳои санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- хусусиятҳои ба расмият даровардани санади санҷиш то ба анҷом расонидани санҷиши ташкилоти қарзии молиявӣ;
- хусусиятҳои гузаронидани санҷиши ташкили кор, анҷом додан ва баҳисобгирии навъҳои алоҳидаи амалиёт бо асъори нақди хориҷӣ дар воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ғайра.

Дастурамали мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои тамоми воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия гашта дар он меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти риояи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба назар гирифта шудааст.

Қабули Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад ва дар сурати қабул гардидани Тартиби мазкур мукаммал намудан ва тақвият бахшидани механизми соҳаи хизматрасониҳои молиявӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳавӣ дар самти мазкур, мусоидат менамояд.

Қабули санади мазкур дар самти санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ муҳим буда, барои санҷиши ташкилотҳои қарзии исломӣ санади ҳаммонанд мавҷуд намебошад ва бидуни қабули санади мазкур барои санҷишгарони ташкилотҳои қарзии исломӣ санҷиши ташкилотҳои қарзии исломӣ ғайриимкон мегардад.

Раис Ҷ. Нурмаҳмадзода